Ҷаҳонро бо эътимод роҳнамоӣ кардан

# Тоҷикистон

Агентии ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ

# 1 Пешгуфтор

## Ҷаҳонро бо эътимод роҳнамоӣ кардан





**ТАКАСАКА Мунео**

Роҳбари Намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Намояндагии Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) дар Тоҷикистон тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муносибати 30 -умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ - иди миллии мардуми шарифи Тоҷикистон табрик менамояд. Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолият соли 1991 барои расидан ба сулҳ, оромӣ ва субот роҳи душвори пур аз мушкилиҳо ва хатарҳоро паси сар кардааст. Бояд гуфт, ки дастёбӣ ба имтиёзҳои имрӯза дар ягонагии мардуми тоҷик, дар муттаҳидӣ ва заҳматталабии ҳар як фард аст, ки ба шарофати он Тоҷикистон дилпурона рушд мекунад ва ба пеш қадам мезанад.

Агентии JICA - ин як ҷузъи маъмурӣ мебошад, ки Кумаки расмӣ барои рушд (КРР)- и Ҳукумати Ҷопонро ҳамчун яке аз бузургтарин ташкилотҳои рушди дуҷониба дар ҷаҳон бо шабакаи 96 дафтари хориҷӣ ва доираи васеи фаъолияти ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла кумаки техникӣ ва молиявӣ дар тақрибан 150 кишвари тараққикунанда, амалӣ менамояд. JICA инчунин коршиносонро дар масъалаҳои гуногуни рушд, аз қабили нақлиёт, обтаъминкунӣ, кишоварзӣ ва тандурустӣ, волонтёрони калон, ки дар донишгоҳҳои Тоҷикистон забони ҷопониро меомӯзонанд, мефиристад.

Пандемияи COVID-19 ба талафоти назарраси ҳаёти одамон дар саросари ҷаҳон оварда расонд ва мушкилоти беҳамтоеро ба саломатии аҳолӣ, системаҳои озуқаворӣ ва ҷаҳони кор пеш меорад. Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо бӯҳрони экзистенсионии амнияти озуқаворӣ, саломатии аҳолӣ ва шуғл рӯбарӯ буд. Бо назардошти оқибатҳои даҳшатноки пандемияи COVID-19 ба ҳаёти одамон, JICA фавран ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаҳои ҷорӣ, аз қабили таъмини таҷҳизоти муҳофизати инфиродӣ барои кормандони соҳаи тандурусти дар мубориза бар зидди COVID-19, ёрии таъҷилӣ расонд. Инчунин ба мушкилотҳое, ки аз сабаби COVID-19 ба вуҷуд омаданд, ба монанди таъмин ва насби системаҳои истеҳсоли оксиген дар беморхонаҳои сироятӣ барои норасоии оксиген ва дастрас намудани хлор барои безараргардонии оби нӯшокии ва тухмӣ ва нуриҳо ба деҳқононе, ки даромади онҳо дар давраи COVID- 19 таъсир ёфтааст, кумак намуд.

Сарфи назар аз басташавии сарҳад ва чораҳои карантинӣ, JICA лоиҳаҳо ва барномаҳои худро бо риояи чораҳои пешгирии COVID-19 ва усули нави гузаронидани тренингҳо ба монанди "онлайн" ба роҳ гузошта, идома медиҳад ва "Барномаҳои ҳамоҳангсозии донишҳо (КССР)" яке аз онҳо мебошад.

JICA ҳамкории техникии худро бо Тоҷикистон соли 1993 бо даъват намудани хизматчиёни давлатии Тоҷикистон ба Ҷопон барои гирифтани дониш ва таҷриба дар самти идоракунӣ ва рушди макроиқтисодӣ оғоз намудем. Дафтари JICA дар Тоҷикистон соли 2006 таъсис ёфтааст ва аз он вақт инҷониб лоиҳаҳои гуногуни Кумаки молиявии грантӣ ва Ҳамкории техникӣ дар бахшҳои гуногун ба таври муассир амалӣ карда мешаванд. JICA инчунин Волонтёрони калонро мефиристад, ки масалан дар донишгоҳҳои Тоҷикистон забони ҷопониро таълим медиҳанд ва ҳоло соҳаҳои фаъолияти онҳо дар бахшҳои дигар низ густариш меёбанд.

Ба ҳолати моҳи марти соли 2021 шумораи умумии иштирокчиён аз Тоҷикистон дар «Барномаҳои ташаккули муштараки дониши JICA», ки қаблан барномаҳои омӯзишӣ номида мешуданд, ба 2420 нафар расид. Собиқ иштирокчиёни курсҳои бозомӯзишӣ, ки аз Ҷопон баргаштанд, аз ҷумла хизматчиёни давлатии баландпоя, дороиҳои арзишманд барои рушди кунунӣ ва ояндаи Тоҷикистон ҳамчун захираҳои пешбари инсонӣ ва таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ҷопон мебошанд. Мо барои Собиқ иштирокчиёни ки дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худро барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон тавассути ҳамкорӣ бо JICA, аз ҷумла дар фаъолияти бахшҳои Кластерҳои собиқ иштирокчиёни барномаҳои омӯзишӣ, истифода ва паҳн мекунанд, барномаи дастгирикунандаро бо номи «Мини-грантҳо» амалӣ мекунем.

JICA стратегияи ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро дар соли 2018 бо самтҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла беҳтар намудани муҳити тиҷорат ва мусоидат ба шуғл, баррасӣ намуд, то ин ки ба татбиқи бомуваффақияти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) барои давраи то соли 2030, инчунин Ҳадафҳои Рушди Устувор, саҳм гузорад. Дар ин брошюраи хурд мо шуморо даъват менамоем, ки бо лоиҳаҳои асосии мо, ки ба талошҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ равона шудаанд мусоидат мекунад, шинос шавед.

Мо умед аз он дорем, ки дар оянда низ бо Ҳукумати Тоҷикистон, шарикони байналмилалӣ ва маҳаллӣ оид ба рушд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҳамаи дигар ҷонибҳои манфиатдор ҳамкорӣ намуда, барои амалигардонии назари JICA, **«Ҷаҳонро бо эътимод роҳнамоӣ кардан», кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳем.**

## 2 Фаъолияти JICA

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ агентии мустақили давлатӣ буда, ҳамоҳангсозии чараёни кӯмаки расмӣ барои рушдро (КРР) аз номи Ҳукумати Ҷопон амали месозад. Вазифаи ҷонии Агентӣ ин кӯмак намудан ба давлатҳои рӯ ба инкишоф ҷиҳати тараққиёти иқтисодию иҷтимоии онҳо ва мусоидат кардан ба ҳамкориҳои байналхалқӣ мебошад.

2 октябри соли 2008 Бонки Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ бо Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ якҷо гардида, дар натиҷа JICA аз нав таъсис дода шу два он яке аз калонтарин ташкилотҳои дуҷониба оид ба рушд дар ҷаҳон гардид, ки дар маҷмӯъ 100 адад намояндагиҳо дар мамлакатҳои хориҷ ва лоиҳаҳои гуногун дар 150 давлати дунё дорад.

## 3 КРР ва JICA

Барои мустаҳкамтар намудани ҳамкориҳо бо давлатҳои рӯ ба инкишоф ва мусоидат кардан ба ҷараёни тараққиёт ва сулҳ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, Ҷопон давлатҳои рӯ ба инкишофро бо КРР зиёда аз 50 сол таъмин мекунад.

Ҳамчун агентии ба амалбарории кӯмаки расмии Ҷопон барои рушд, JICA саҳми арзандаи худро барои рушди захираҳои инсонӣ, паҳн намудани технология ва беҳтарсозии инфрасохтор тавассути кӯмаки техникӣ, КРР ва кӯмаки бебозгашт дар асоси кӯмакҳои дуҷониба, гузоштааст.

### КРР ва JICA




Кӯмаки техникӣ равон намудани мутахассисон, додани таҷҳизотҳои зарурӣ ва тайёр намудани мутахассисони давлатҳои рӯ ба тараққиро дар Ҷопон ва давлатҳои дигар дар бар мегирад.

Кӯмаки грантӣ маблағҳои пуллии бебозгаштро ба давлатҳои рӯ ба инкишоффе, ки ҳаҷми даромаднокиа-шонзаиф мебошад, дарбар мегирад. Маблағҳои пуллӣ барои баланд бардоштани сифати фаъолиятнокии инфрасохтори асосӣ, беҳтар намудани низом ва хизматрасонии тиббӣ, хариди таҷҳизотҳо ва дигар самтҳо равона карда мешаванд.

Карзҳои КРР барои дастгирии давлатҳои рӯ ба инкишоф равона карда мешаванд ва ин қарзҳо бо фоизҳои пасти имтиёзнок баҳри маблағгузории барномаҳои рушди маҳаллӣ дода мешаванд. Қарзҳои КРР барои маблағгузории инфрасохторҳо ва лоиҳаҳои калон, ки маблағи зиёдро талаб мекунанд, равона карда мешаванд.

### Намудҳои КРР дуҷонибаи Ҷопон дар соли молиявии 2020




(*2 долл. ИМА=111,364 йени Ҷопон ба ҳолати октябр соли 2021)

**Кӯмак дар ҳолатҳои фавқулода**

Дар мавриди сар задани ҳолатҳои фавқулода, JICA дастаҳои ҷопониро барои кӯмак расонидан ба давлатҳои хориҷа равона месозад

**Ҳамкори бо иштироки шаҳрвандон**

JICA волонтёрҳоро мефиристонад ва бо роҳҳои гуногун бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ, донишгоҳо ва дигар ташкилотҳо ҳамкорӣ мекунад

# 4 Вазифа, биниш ва амалиёти мо

## Вазифа

Мувофиқи Низомномаи ҳамкорӣ дар соҳаи рушд JICA фаъолияти худро дар самти бехатарии инсон ва рушди босифат ба роҳ мемонад.

## Биниш

### Ҷаҳонро бо эътимод роҳнамой кардан

JICA бо шарикони худ раванди таъсис намудани бовариро дар саросари ҷаҳон пешбарӣ мекунад. Он саъю кӯшиш мекунад, ки шароит барои ҳаёти озод, осоишта ва некӯаҳволии мардуми ҷаҳон фароҳам биорад, ки онҳо тавонанд бо умеди фардои беҳтар иқтидори гуногуни худро пайдо намоянд.

## Амалиёт

1. Ӯҳдадорӣ: Бо ҳисси ифтихор ва шавқу рағбат ноил шудан ба ҳадаф ва биниши худ
2. “Гемба”: Бевосита дар маҳал (“Гемба”) бо мардум кор кардан
3. Дурнамо: Фикр ва амал кардан бо назардошти дурнамо ва оянда
4. Созанда: Якҷоя кардани дониш ва захираҳои гуногун
5. Навоварӣ: Татбиқи усулҳои инноватсионӣ баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои беназир

# 5 JICA дар Тоҷикистон

Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) ҳамкории техникии худро бо Тоҷикистон соли 1993 бо даъват намудани 21 нафар хизматчиёни давлатии Тоҷикистон бо мақсади донишомӯзӣ дар Ҷопон ва аз худ намудани таҷрибаи он дар соҳаҳои идоракунии босифат ва рушди макроиқтисодӣ, ки ҳадафи асосии он таъмини амният ва сулҳу субот мебошад, оғоз намуд. Ин барои пешбурди сулҳу субот дар кишвар хеле муҳим буд. Ба ҳолати моҳи марти соли 2021, шумораи кулли хизматчиёни давлатие, ки дар барномаҳои омӯзишии JICA (КССР) дар Ҷопон иштирок намуданд, зиеда аз 2420 нафарро ташкил дод.

Дафтари JICA дар Тоҷикистон расман соли 2006 таъсис ефта, аз ин ҷониб лоиҳаҳои гуногуни кумаки грантӣ ва ҳамкории техникӣ бо мақсади беҳтар кардани сатҳи некӯаҳволии мардуми тоҷик дар соҳаҳои кишоварзӣ, таъмини оби нушокӣ, тандурустӣ, нақлиёт, энергетика, рушди иқтидор ва инкишофи соҳибкории хурду миёна, фаъолона амалӣ гашта истодаанд.

Айни замон, шумораи лоиҳаҳои иҷро гардида ва амалӣ гашта истодаи Агентии JICA дар Тоҷикистон ба 44 адад бо маблағи зиёда аз 418,5 млн. доллари ИМА расидааст, ки аз он 11 адад дар давраи иҷроиш карор доранд. (94,7 млн. доллари ИМА ҳаҷми ҳамкории техникӣ ва 323,8 млн. доллари ИМА кумаки грантӣ).

Барои гирифтани маълумоти муфассал доир ба фаъолияти дафтари JICA дар Тоҷикистон метавонед аз сомонаи расмии мо истифода баред.

https://www.jica.go.jp/tajikistan/english/index.html

## Стратегияи нав оид ба рушд (2018-2023)



# 6 Таърих

## Муносибатҳои Тоҷикистон ва Ҷопон

**1991**
- Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Ҳукумати Ҷопон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлат эътироф кард

**1992**
- Тоҷикистон ва Ҷопон муносибатҳои дипломатӣ оғоз карданд
- Дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт

**1997**
- Созишномаи ниҳоии сулҳ ба имзо расид ва ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфт

**1998**
- Доктор АКИНО Ютака, Корманди сиёсии Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (UNMOT) ва чаҳор нафари дигар кушта шуданд
- Ҷаноби ТАКЕМИ Кейзо, котиби давлатӣ оид ба корҳои хориҷӣ, ба Тоҷикистон ташриф овард
- Бастаи дастгирии сулҳ дар Тоҷикистон эълон гардид

**2001**
- Сафари нахустини Президент Эмомалӣ РАҲМОНОВ ба Ҷопон

**2002**
- Сафорати (Намояндагии) Ҷопон дар Тоҷикистон кушода шуд

**2004**
- Оғози гуфтугӯи "Осиёи Марказӣ ҷамъи Ҷопон"

**2007**
- Сафорати Тоҷикистон дар Ҷопон кушода шуд (Намояндагӣ ба Сафорат табдил шуд)
- “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015” таҳия шуд

**2015**
- Сарвазир АБЕ Синзо бори аввал ба ҳайси сарвазири Ҷопон ба Тоҷикистон ташриф овард

**2016**
- Аввалин Сафири Ҷопон ба Тоҷикистон ташриф овард
- “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия шуд

**2018**
- Сафари чоруми Президент Эмомалӣ РАҲМОН* ба Ҷопон Мулоқот бо Президенти JICA

**2019**
- Гуфтугӯи "Осиёи Марказӣ ҷамъи Ҷопон" Дар Душанбе ҷаласаи 7-уми вазирони корҳои хориҷӣ баргузор гардид

**2022**
- Ҷашни 30-солагии оғоз намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Ҷопон

## Таърихи фаъолияти Дафтари JICA дар Тоҷикистон

**1993**
- Оғози пешниҳоди Кумаки расмӣ барои рушд ба Тоҷикистон (Барномаи омӯзишии JICA дар Ҷопон оғоз ёфт)

**1998**
- Дар тӯли панҷ соли баъд аз соли мазкур, 500 нафар шунавандагон ба Ҷопон фиристода шуданд

**1999**
- Кушодашавии дафтари JICA дар Ӯзбекистон (Ҳамчунин масъули фаъолияти JICA дар Тоҷикистон)
- Оғози кори якумин мутахассис оид ба робитаҳои JICA (корманди маҳаллӣ)

**2002**
- Аввалин корманди ҷопонӣ фиристода шуд

**2004**
- Оғози фиристодани мутахассисони JICA "Мушовир оид ба сиёсати рушд" фиристода шуд

**2005**
- Имзои Созишнома оид ба ҳамкориҳои техникӣ
- Аввалин кумаки грантии лоиҳа амалӣ карда шуд Лоиҳаи беҳтар намудани таҷҳизоти тиббӣ дар беморхонаи Дяков

**2006**
- Дафтари JICA дар Тоҷикистон ҳамчун филиали Дафтари JICA дар Ӯзбекистон кушода шуд

**2010**
- Аввалин ихтиёриёни JICA фиристода шуданд Ихтиёриёни калон: “Фаъолияти ҷавонон” ва “Футбол”
- Лоиҳаи аввалини ҳамкории техникӣ амалӣ карда шуд “Лоиҳаи беҳтар намудани хизматрасонии паҳн кардани дониши кишоварзӣ тавассути тақвияти ташкилотҳои кишоварзӣ”

**2013**
- Аввалин шарикии давлат ва бахши хусусӣ “Тадқиқоти омодагӣ ба тиҷорати BOP (Асоси пирамида) оид ба парвариши ширинбия" аз ҷониби як ширкати ҷопонӣ

**2017**
- Филиали дафтари JICA ба Дафтари мустақили JICA табдил ёфт

**2018**
- Президенти JICA бори аввал ба Тоҷикистон ташриф овард
- Барномаи "Мини-грантҳо" барои дастгирии собиқ иштирокчиёни курсҳои омӯзиши JICA дар Ҷопон оғоз ёфт

* Моҳи апрели соли 2007 Президенти ҶТ номи худро аз «ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ» ба «ЭМОМАЛӢ РАҲМОН» иваз кард

# 7 Равишҳои нодири JICA дар Тоҷикистон

## Барномаи омӯзишӣ дар Ҷопон



Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз соли 1992 то 1997 давом кард, ки он боиси мушкилот дар пешбурди фаъолият дар кишвар гардид, аз ин рӯ JICA дастгирии худро ба Тоҷикистон танҳо аз барномаи омӯзишӣ дар Ҷопон дар соли 1993 оғоз намуд. Тавассути ин барнома хизматчиёни давлатӣ ва муҳандисон ба Ҷопон барои мубодилаи дониш ва таҷриба дар соҳаи рушди кишвар сафарбар мешаванд. Ҳангоми сафари ҷаноби Кейзо ТАКЕМИ, котиби давлатии корҳои хориҷии Ҷопон ба Тоҷикистон дар соли 1998 пас аз куштори ҷаноби Ютака АКИНО, корманди сиёсии Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (UNMOT), ҳукумати Ҷопон "Маҷмӯаи дастгирии сулҳи Тоҷикистон" -ро эълон кард ва тасмим гирифт, ки дар давоми панҷ сол шумораи ширкаткунандагонро ба 500 нафар расонад. Ҳатто пас аз иҷрои ин тасмим, барнома дар соҳаҳои мухталиф, аз қабили маъмурият, хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра амалӣ карда шуд. Дар соли 2021, 58 нафар ва дар маҷмӯъ 2420 нафар аз соли 1993 ин ҷониб дар курсҳои бозомӯзишӣ иштирок карданд. Иштирокчиён дониш ва таҷрибаи Ҷопонро ба Тоҷикистон оварда, онро дар рушди кишвар татбиқ мекунанд.

## Лоиҳаҳои марбут ба марз бо Афғонистон



Дар Тоҷикистон, ки 90% масоҳати он кӯҳсор аст, роҳҳо аз шаҳрҳои калон ба кишварҳои ҳамсоя робитаҳои асосии иқтисодӣ ва тиҷоратии байни кишвар ва ҳамсоягони он мебошанд. Тоҷикистон, ки бо Афғонистон ҳаммарз аст, дар таҳкими субот ва пайвасти минтақаи Осиёи Марказӣ нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин сабаб, JICA дар дастгирии таъмини амният ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии атрофи марз фаъолона иштирок мекунад. JICA як қисми роҳи автомобилгарди асосии байналмилалиро, ки пойтахт Душанбе бо пойтахти Афғонистон Кобулро мепайвандад, таҷдид мекунад ва инчунин "Лоиҳаи мусоидат ба ҳамкориҳои наздимарзӣ тавассути идоракунии самарабахши марзи Тоҷикистон бо Афғонистон" -ро дар ҳамкорӣ бо БРСММ амалӣ менамояд.

## Барномаи "Мини-грант" барои дастгирии иштирокчиёни собиқи барномаи омӯзишии JICA дар Ҷопон



JICA фаъолияти собиқ иштирокчиёни барномаи омӯзишии худро барои табодули дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худ ба ҳамтоёнашон дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад. Гирандагони грант аз байни пешниҳодкунандагони лоиҳа интихоб шуда, ҳадди аксар 5 лоиҳа бо маблағи то 400,000 йенаи ҷопонӣ ҳар якто мукофотонида мешаванд. Дар соли 2021, JICA фаъолияти иштирокчиёни собиқи барномаҳои омӯзишии худро, ки барои ташкили лексияҳо барои дастгирии соҳибкорон, семинарҳо оид ба баланд бардоштани малакаҳои идоракунии таҷҳизоти тиббӣ бо мақсади такмили системаи тиббӣ ва ғайра муроҷиат кардаанд, дастгирӣ намуд. Умедворем, ки ин барнома барои паҳн кардани дарсҳои дар барномаи омӯзишӣ дар Ҷопон ба доираи васеи ҷонибҳо кумак хоҳад кард.

## Тақвияти муносибатҳои Тоҷикистон ва Ҷопон



Соли 2018 барои Тоҷикистон ва Ҷопон соли муносибатҳои хеле таҳкимёфтаи ду кишвар буд: илова бар сафари нахустини ҷаноби КИТАОКА ба Тоҷикистон ба ҳайси Президенти JICA, сафари Президент РАҲМОН ба Ҷопон мулоқотҳо бо Император ва Сарвазир ва Президенти JICA дар бар гирифт. Дар тӯли ин муддати кӯтоҳ 2 мулоқоти Президенти JICA бо сарвари давлати Тоҷикистон як таҷрибаи хеле нодир аст. Аҳамияти JICA ва Ҷопон дар рушди Тоҷикистон дар соли ҷорӣ бори дигар тасдиқ карда шуд.

# 8 КУМАКИ ФАВРӢ ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ COVID-19

## БЕХТАР НАМУДАНИ НИЗОМИ ИСТЕҲСОЛИ ОКСИГЕН ДАР БЕМОРХОНАҲОИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ВА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



Ҳолати фавқулоддае, ки бар асари пандемияи COVID-19 дар солҳои 2020-2021 ба вуҷуд омадааст, дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИ) барои табобати беморон, гирифтори COVID-19, бахусус аз сабаби набудани системаҳои мутамаркази интиқоли оксиген ба беморхонаҳои таъиншуда мушкилоти ҷиддие ба миён овард.

Ҷавобан ба дархости Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии JICA дар Тоҷикистон ҳашт (8) системаи тавлиди оксиген, аз ҷумла зеристгоҳҳои тавлиди оксиген, зеристгоҳҳои сӯзишворӣ ва баллонҳои иловагии пуркунӣ, генераторҳои барқӣ ва танзимгари худкори шиддати барқӣ харид ва насб кард. Системаҳои мазкур дар беморхонаҳои таъиншуда, аз ҷумла дар шуъбаи бемориҳои сироятии беморхонаи клиникии вилояти Хатлон, беморхонаи бемориҳои сироятии Кӯлоб, Муассисаи давлатии (МД) «Беморхонаи клиникии бемориҳои сироятии шаҳри Душанбе», Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии № 1» ба номи Карим Ахмедов, МД «Институти гастроэнтерология» ва шӯъбаи педиатрии Маркази миллии тиббии «Шифобахш» (корпуси №9) ва беморхонаи ноҳиявии шаҳри Турсунзода насб карда шудаанд.

Ташаббуси мазкур бо маблағи умумии 1.7 миллион доллари ИМА барои ҳашт система дар доираи ҳамкории ҷории техникии «Лоиҳаи беҳтар гардонии ҳифзи саломатии модар ва кӯдак дар вилояти Хатлон (Марҳилаи 2) (Давраи лоиҳа: солҳои 2017 – 2022)» ҷудо карда шуд.

## JICA БА ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ БАРОИ МУБОРИЗА БО КОВИД-19 ДАР ТОҶИКИСТОН КУМАКИ ФАВРӢ РАСОНД



Агентии JICA дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Агентии Оқохон оид ба макони зист (АКАН), ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими иқтидор оид ба коҳиш додани сирояти дохили беморхонаҳо ва ташкили системаи муносиби табобат дар беморхонаҳои вилояти Хатлон кӯмаки фаврӣ расонид.

Дар давраи бӯҳрони COVID-19 дар Тоҷикистон ин кумаки фаврӣ тавассути лоиҳаи ҷории JICA, Лоиҳаи ҳамкории техникӣ оид ба беҳтар гардонии ҳифзи саломатии модар ва кӯдак дар вилояти Хатлон (марҳилаи 2) (давраи лоиҳа: 2017-2022) ва АКАН, дастгирии доимӣ дар мубориза бар зидди COVID-19 барои кишвар расонида шуд. Кӯмак ба зиёда аз 435 мутахассисони сатҳи баланди тиббӣ дар беморхонаҳо бо маблағи 25,000 доллари ИМА расонида шуд.

## РАСОНИДАНИ ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ БА КВД «ХОЧАГИ МАНЗИЛИЮ КОММУНАЛӢ (ХМК) БАРОИ ИНТИҚОЛИ МУНТАЗАМИ ОБИ НУШОКИИ БЕХАТАР



Таъмини оби нӯшокӣ яке аз самтҳои ҳамкории байни Ҳукумати Ҷопон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар ин робита, Агентии JICA дар Тоҷикистон ба Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии Манзилию Коммуналӣ (ХМК) дар тақвияти иқтидори он доир ба расонидани хизмат дар таъмини оби нӯшокӣ дар доираи лоиҳаи ҷории «Тақвияти идоракунии каналҳои обӣ дар ноҳияҳои Панҷ ва Ҳамадонӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонида шуд.

Бо дарназардошти бӯҳрони кунунии пандемияи COVID-19 дар Тоҷикистон, таъмини бефосила ва устувори оби тозаи ошомиданӣ барои мардум бояд афзалияти аввалиндараҷаи мардум барои нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани ҳолати санитарию гигиении худ барои пешгирии бемориҳои сироятии тавассути об паҳншаванда ва инчунин COVID-19 бошад.

Дар ин робита, Агентии JICA дар доираи лоиҳаи дар боло зикршуда ба КВД «ХМК» кумаки молиявӣ ва техникӣ расонида, ба таври фаврӣ 300 тонна гипохлорити калсий бо арзиши умумии 9 миллиону 550 ҳазор сомони ба тамоми идораҳои таъмини об дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои тоза кардани оби нӯшокӣ харидорӣ, ворид ва интиқол дод, ки барои 5 моҳ басанда аст.

## ДАСТГИРИИ РУШДИ АГРОБИЗНЕС ДАР ТОҶИКИСТОН



Агентии JICA дар Тоҷикистон ва Барномаи озуқа ва кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид (ФАО) дар ҳамкори бо Фонди Оқохон лоиҳаи нави озмоиширо доир ба дастгирии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пуркунии захираҳои тухмии картошка оғоз кард.

Ҳадафи лоиҳа ба фермерони хурд пешниҳод намудани дастрасӣ ба ашёи муҳими кишоварзӣ, аз ҷумла тухмии хушсифати картошка ва нуриҳои минералӣ, инчунин расонидани хизматҳои пешрафтаи машваратии кишоварзӣ, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ тавассути баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва пешбурди кишоварзии ба бозор нигаронидашуда дар Тоҷикистон мебошад.

Қобили зикр аст, ки лоиҳаи озмоишӣ оид ба рушди агробизнес дар Тоҷикистон як қисми ташаббусҳои JICA оид ба татбиқи равиши тавонмандсозии соҳаи боғдории фермерони хурд (SHEP) мебошад, ки ҳадафи он баланд бардоштани иқтидори деҳқонон барои баланд бардоштани даромад ва беҳтар намудани дастрасии онҳо ба бозор барои фурӯши маҳсулотҳои онҳо мебошад.

# Рӯйхати лоиҳаҳои JICA дар Тоҷикистон

Ба ҳолати моҳи октябри с. 2021

| Такмили нақлиёт ва ҳамлу нақл: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи таҷдиди қитъаи Қизилқалъа-Бохтар роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар | 2019-2024 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи баланд бардоштани иқтидор барои идора кардани пулҳо | 2021-2024 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи рушди иқтидор барои татбиқи навигатсия дар асоси ҳусусиятҳо | 2020-2023 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи рушди иқтидор барои идоракунии офатҳои табиӣ дар роҳ | 2017-2021 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи беҳтарнамудани таҷҳизот барои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Суғд ва қисми шарқии вилояти Хатлон | 2016-2018 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи рушди иқтидор барои хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ | 2015-2018 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи беҳтарсозии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе (Марҳилаҳои 1 ва 2) | 2014-2018 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи такмили нигоҳдории роҳи автомобилгард | 2013-2016 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи беҳтарнамудани таҷҳизот барои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ | 2013-2015 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи барқарорсозии роҳи Қӯрғонтеппа - Дӯстӣ (Марҳилаҳои 1 ва 2) | 2008-2013 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи барқарорсозии роҳи Дӯстӣ - Панҷи Поён (Марҳилаҳои 1 ва 2) | 2006-2010 | Ба анҷом расида |

| Мӯътадилгардонии таъминоти энергетикӣ: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи беҳтарнамудани зеристгоҳҳо дар Душанбе | 2017-2020 | Ба анҷом расида |

| Беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ барои мусоидат ба шуғл: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи такмили мубориза бо малах (Марҳилаи 2) | 2020-2025 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон | 2020-2023 | Амалкунанда |
| (Ҳамкорӣ бо БРСММ) Лоиҳаи беҳтар намудани некӯаҳволии мардум дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон (Марҳилаи 3) | 2021-2025 | Амалкунанда |
| (Ҳамкорӣ бо БРСММ) Лоиҳаи беҳтар намудани некӯаҳволии мардум дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон (Марҳилаи 2) | 2018-2021 | Ба анҷом расида |
| (Ҳамкорӣ бо БРСММ) Лоиҳаи беҳтар намудани некӯаҳволии мардум дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон (Марҳилаи 1) | 2015-2017 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи такмили мубориза бо малах дар Афғонистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон (Марҳилаи 1) | 2015-2019 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи амнияти озуқаворӣ барои деҳқонони камбизоат (2KR) | 2012-2016<br>2010-2014 | Ба анҷом расида |

| Беҳтар кардани таъминоти об: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи тақвияти идоракунии хизматрасониҳои обтаъминкунӣ аз ҷониби водоканалҳои Панҷ ва Ҳамадонӣ | 2017-2021 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи барқарорсозии системаҳои таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон | 2013-2016 | Ба анҷом расида |
| Барномаи омӯзиши оид ба малакаҳои истифода ва идоракунии системаи обтаъминкунӣ дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон | 2013-2015 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон (марҳилаи 1 ва 2) | 2011-2013 | Ба анҷом расида |

| Тақвияти низоми тандурустӣ: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи беҳтар намудани таҷҳизоти тиббӣ дар Маркази милии тиббии "Шифобахш" ва Муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | 2020-2025 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи такмил додани системаи идоракунӣ ва нигоҳубини тачхизоти тиббӣ дар Тоҷикистон | 2019-2022 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи беҳтарнамудани мошинҳои ёрии таъҷилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2019-2021 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи такмили низоми ҳифзи саломатии модар ва кӯдак дар вилояти Хатлон (Марҳилаи 2) | 2017-2021 | Амалкунанда |
| Лоиҳаи ҷорӣ намудани энергияи тоза тавассути системаи тавлиди нерӯи офтоб | 2011-2019 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи беҳтарнамудани таҷҳизоти тиббӣ ва иншооти обтаъминкунӣ ва дренажӣ барои муассисаҳои ҳифзи саломатии модару кӯдак | 2013-2015 | Ба анҷом расида |
| Лоиҳаи такмили низоми ҳифзи саломатии модар ва кӯдак дар вилояти Хатлон (Марҳилаи 1) | 2012-2016 | Ба анҷом расида |
| Таъмини таҷҳизот барои назорати бемориҳои сироятӣ (EPI) (Марҳилаи 2) | 2010-2015 | Ба анҷом расида |
| Маводи доруворӣ (доруҳо дар самти идораи ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон) (Марҳилаи 2) | 2009-2014 | Ба анҷом расида |

| Назорати сарҳад ва идоракунии амният: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| (Ҳамкорӣ бо БРСММ) Мусоидат ба ҳамкориҳои наздимарзӣ тавассути идоракунии самараноки марзи Тоҷикистон бо Афғонистон (Марҳилаи 2) | 2019-2022 | Амалкунанда |
| (Ҳамкорӣ бо БРСММ) Мусоидат ба ҳамкориҳои наздимарзӣ тавассути идоракунии самараноки марзи Тоҷикистон бо Афғонистон (Марҳилаи 1) | 2015-2018 | Ба анҷом расида |

| Такмили идоракунӣ: ЛОИҲА | ДАВРА | ҲОЛАТ |
|---|---|---|
| Лоиҳаи пешниҳоди бурсияҳо барои рушди захираҳои инсонӣ (JDS) (Бурсияҳо барои фиристодани 15 хизматчии давлатӣ ҳар сол барои таҳсил дар магистратура ва як нафар барои курси докторӣ дар Ҷопон) | 2008 ~ | Амалкунанда |
| Курсҳои гуногуни омӯзишӣ дар Ҷопон. Даъвати солонаи тақрибан 100 нафар хизматчиёни давлатии Тоҷикистон ба Ҷопон барои тренингҳои гурӯҳӣ, минтақавӣ ва кишварӣ ва барнома барои пешвоёни ҷавон | 1993 ~ | Амалкунанда |

# Лоиҳаҳои кунунии JICA дар Тоҷикистон

## МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ОИДИ ЛОИХА



| Номи лоиҳа | Лоиҳаи таҷдиди қитъаи Қизилқалъа-Бохтар дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар |
|---|---|
| Намуд | Кумаки грантӣ |
| Давра | 09/2019 – 12/2024 |
| Санаи Т/Ё, С/Г | 20/08/2019<br>03/09/2019 |
| Муассисаҳои масъул | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Қитъаи Қизилқалъа-Бохтар дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар |
| Маблағ | 3,232 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 31 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Бехтар кардани ҳамлу нақл ва бехатарии ҳаракат дар роҳ дар қисми шоҳроҳи Душанбе-Бохтар тавассути таҷдиди қитъаи роҳи автомобилгарди Кизилқалъа-Бохтар ва ҳамин тавр мусоидат намудан ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Фаъолият | • Барқарорсозии қитъаи Қизилқалъа-Бохтар дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар<br>• Хизматрасониҳои машваратӣ |
| Баҳрабаран-дагон | Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан вилояти Хатлон |
| Натиҷа | • Қитъаи Қизилқалъа-Бохтар дар роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар таҷдид карда шудааст<br>• Бехатарии ҳамлу нақл ва бехатарии ҳаракат дар роҳ таъмин карда шудаанд |



| Номи лоиҳа | Лоиҳаи баланд бардоштани иқтидор барои идора кардани пулҳо |
|---|---|
| Намуд | Кумаки техникӣ |
| Давра | 03/2021 – 10/2024 |
| Санаи П/М | 28/09/2021 |
| Муассисаҳои масъул | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Тамоми кишвар (Тоҷикистон), Сомонаҳои намунавӣ: Идораи хочагидории роххои автомобили (МД ИХРА) Ҳисор, Суғд ва Бохтар (МДНДРА) |
| Маблағ | 450 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 3,94 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Тақвияти иқтидори ташкилотҳои дахлдор доир ба идоракунии пулҳои тавассути интиқоли техника ва систематизатсияи идоракунии пул ва рушди захираҳои инсонӣ оид ба идоракунии пул |
| Фаъолият | • Дастурҳои техникӣ оид ба системаи инвентаризатсияи пулҳо, санҷиш/ташхис ва нигоҳдорӣ таҳия карда мешаванд<br>• Гузаронидани тренингҳо оид ба идоракунии инвентаризатсияи пулҳо, санҷиш/ташхис ва нигоҳдорӣ барои ВН, (МДИХРА), (МДНДРА), КВД "ПИТЛ" ва ДТТ<br>• Муаррифии BMS барои ВН ва ҳама (МДИХРА), (МДНДРА)<br>• Гузаронидани лоиҳа(ҳо)-и озмоишӣ барои нигоҳдории пул, санҷиш/ташхис ва амалӣ намудани барқарорсозии пулҳои микёси хурд дар модели (МДИХРА), (МДНДРА)<br>• Курсҳои муҳандисии пул дар ҳамкорӣ бо ВН, КВД "ПИТЛ" ва ТТУ дар асоси лоиҳаи барномаи таълимӣ гузаронида мешаванд |
| Баҳрабаран-дагон | Кормандони Вазорати нақлиёт, муассиҳои идораи роҳ дар минтақаи Ҳисор, вилояти Суғд ва шахри Ботар |
| Натиҷа | • Идоракунии пулҳо дар роҳҳои дорои аҳмияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ такмил дода мешавад<br>• Имкониятҳо барои идоракунии инвентаризатсияи пулҳо, тафтиш/ташхис ва нигоҳдории ВН, МДИХРА, МДНДРА, КВД "ПИТЛ" ва ДТТ такмил дода мешаванд |

# БЕҲТАР НАМУДАНИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ БАРОИ РУШДИ МЕҲНАТ






| Номи лоиҳа | Лоиҳаи рушди Агробизнес дар Тоҷикистон |
|---|---|
| Намуд | Кумаки техникӣ тавассути ФАО ва Фонди Оғохон |
| Давра | 02/2021 – 05/2022 |
| Санаи П/М | 18/03/2021 |
| Муассисаҳои масъул | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон /Барномаи Озуқа ва Кишоварзии СММ (ФАО)/ Фонди Оғохон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Хуросон, Ванҷ, Дарвоз, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Ляхш |
| Маблағ | 94.4 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 0.83 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Мустаҳкам намудани фонди тухмии кишоварзӣ бо роҳи такмил додани фондҳои гардиши маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани иқтидори деҳқонон ва ҷорӣ намудани модели кишоварзии ба бозор нигаронидашуда (SHEP) |
| Фаъолият | • Таъмин намудани тухмии элитаи картошка ва тухмии гандуми элита ба АИФ дар ноҳияҳои мавриди ҳадаф<br>• Ноҳияҳои мавриди ҳадафи AIRF-ро бо нуриҳо таъмин намудан<br>• Сохтмони 3 анбор барои маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияҳои Қубодиён, Хуросон ва Шаҳритус<br>• Таъмини машваратҳои тех-никӣ/тренингҳо оид ба нигоҳдории анборҳо<br>• Ҷорӣ намудани модели кишоварзии ба бозор нигаронидашуда (SHEP) |
| Баҳрабаран-дагон | Хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| Натиҷа | • Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути беҳтар намудани дастрасӣ ба маҳсулоти кишоварзии босифат ва иқтидори нигоҳдорӣ<br>• Баланд бардоштани дастрасии озуқаворӣ тавассути беҳтар кардани дастрасӣ ба зарфияти нигоҳдорӣ |

| Номи лоиҳа | Лоиҳаи ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон |
|---|---|
| Намуд | Кумаки техникӣ |
| Давра | 03/2020 – 02/2023 |
| Санаи П/М | 25/11/2019 |
| Муассиса-ҳои масъул | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ" |
| Минтақаи зери ҳадаф | Душанбе, Кӯлоб, Рашт, Ваҳдат, Конибодом, Ашт, Восеъ, Хуросон ва Ҳамадонӣ |
| Маблағ | 231 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 2.2 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Ҳамкории техникӣ, ки ба рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон тавассути ташаккули соҳибкорӣ равона шудааст.<br>Ҳадафи умумии лоиҳа – ин саҳм гузоштан ба Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ», то ин ки муассисаи мазкур тавонад барои рушди соҳибкорон ва корхонаҳои майда ва хурд (КМХ) хизматрасо-ниҳои муассир расонад. |
| Фаъолият | • Омухта баромадани эҳтиёҷоти таълим ва инкубатсияи бизнес, таҳияи маводи таълимӣ барои гузаронидани тренингҳо барои тренерон ва соҳибкорон доир ба моҳияти соҳибкорӣ<br>• Дастгирии корхонаҳои майда ва хурд дар таҳияи бизнес-нақшаҳои ва татбиқи барномаи маблағгузории хурд дар Конибодом, Кӯлоб ва Ашт<br>• Рушди усулҳо ва пайвастан намудани КМХ бо ташкилотҳои молиявӣ ва сармоягузорон<br>• Рушди усулҳои роҳнамоии КМХ<br>• Муқаррар кардани усули ҳамкорӣ байни фаъолияти Бизнес-инкубатори Душанбе ва кормандони ба равзанаи ягона таъиншуда ва муайян кардани монеа дар расмиёти маъмурӣ барои тиҷорат |
| Баҳрабар андагон | Соҳибкорони эҳтимолӣ, стартапҳо ва корхонаҳои микро ва хурд бо диққати махсус ба ҷавонон, занон ва муҳоҷирони баргашта |
| Натиҷа | • Методикаи дастгирии корхонаҳои микро ва хурд, гузаронидани омӯзиши, омода кардани бизнес-нақшаҳо, дастраси ба манъбаи молия тахия ва муқаррар карда шудааст<br>• Методикаи ҳамкорӣ байни рушди соҳибкорӣ ва равзанаи ягона муқаррар карда шудааст<br>• Усулхои дастгирии макомоти давлатӣ дар соддагардонии тартиботи маъмурии марбут ба амалиёти тиҷоратӣ муқаррар бошад дар муқаррар карда шудааст |

# БЕҲТАР НАМУДАНИ МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ БАРОИ РУШДИ МЕҲНАТ






| Номи лоиҳа | **Лоиҳа оид ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон (LITACA), (Марҳилаи 3)** |
|---|---|
| Намуд | Кумаки грантӣ тариқи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) |
| Давра | 04/2021 – 03/2025 |
| Санаи Т/Ё, С/Г | 16/10/2020<br>15/12/2020 |
| Муассиса-ҳои масъул | БРСММ дар Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Ноҳияҳои Қубодиён, Кумсангир, Ҷиликӯл, Панҷ, Шӯробод, Ҳамадонӣ, Фархор ва Шаҳритуси вилояти Хатлон |
| Маблағ | 420.3 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 3.70 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони манотиқи наздисарҳадии Тоҷикистон бо Афғонистон |
| Фаъолият | • Афзоиш намудани имкониятҳои шуғл дар ҷамоатҳо барои сокини вилоятҳои ҳаммарзи Афғонистон ва Тоҷикистон<br>• Дастрас гардонидани молҳои лоиҳаи LITACA ба бозори маҳалли ва ҷаҳони<br>• Пурзур намудани тиҷорати наздисарҳадӣ<br>• Мусоидат намудан ба дастраси барои тиҷорати наздисарҳади, муколама ва шарикӣ<br>• Пурзургардонии иқтидори мақомоти маҳаллӣ оид ба тиҷорати наздисарҳадӣ |
| Баҳрабаран-дагон | Тақрибан 1 миллион нафар |
| Натиҷа | • Дастрасии ҷомеаҳои сарҳадӣ ба инфрасохтори деҳот ва хизматрасониҳои ҷамъиятӣ беҳтар карда мешавад<br>• Маҷмӯаҳои такмили малакаҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани иқтидори фермерон, соҳибкорон, гурӯҳҳои бекорон ва маҳдудшуда<br>• Навоварӣ дар соҳибкорӣ ва имкониятҳои шуғл тавассути ҳаракати Як деҳа - Як маҳсулот пайдо мегардад<br>• Дастрасии ҷомеаҳои сарҳадӣ ба тиҷорати наздисарҳадӣ пурзур мегардад<br>• Иқтидори мақомоти маҳаллӣ оид ба тиҷорати наздисарҳадӣ пурзур карда мешавад |

| Номи лоиҳа | **Лоиҳаи такмили мубориза бо малах (Марҳилаи 2)** |
|---|---|
| Намуд | Кумаки грантӣ тариқи FAO |
| Давра | 02/2020 – 02/2025 |
| Муассиса-ҳои масъул | Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (FAO) |
| Минтақаи зери ҳадаф | Лоиҳа вилоятҳое-ро дарбар мегирад, ки аз малах аз ҳама бештар зарар дидаанд, ин он вилоятҳое, ки бо кишварҳои ҳамсоя ҳамсарҳад мебошанд. Вилояти Суғд, ки бо Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад аст. Вилояти Хатлон, ки бо Афғонистон ва Узбекистон марзи тӯлонӣ дорад |
| Маблағ | 798 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 7.2 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Мусоидат намудан ба амнияти озуқаворӣ ва зиндагии аҳолии деҳоти Осиёи Марказӣ тавассути пешгирӣ ва маҳдуд кардани таҳдидҳои малах ва зарар ба зироатҳо ва чарогоҳҳо дар робита бо саломатии инсон ва муҳити зист |
| Фаъолият | • Мусоидат ба мубодилаи минтақавӣ барои идоракунии вазъи мубориза бо малах ва ташкили тадқиқоти муштарак ё наздисар-ҳадӣ<br>• Ташкили тренингҳо ва ташрифҳо бо мақсади шиносой, таҳияи Дастурҳои амалӣ<br>• Тақвият бахшидани иқтидори амалӣ барои таҳқиқоти саҳроии малах ва таҳияи системаҳои мониторинг ва таҳлили малах;<br>• Тақвият бахшидани иқтидорӣ амалӣ дар мубориза бо малах ва таъмин намудани идораи пестисидҳо, ки дар доираи лоиҳа пешниҳод мешавад |
| Баҳрабаран-дагон | Аҳолии деҳот, ки дар минтақаҳои аз малах зарардидаи ҳамаи шаш кишвари дар доираи лоиҳа қарордошта зиндагӣ мекунанд |
| Натиҷа | • Ҳамкории минтақавии рушдёфт<br>• Мубориза бо малах дар сатҳи кишвар ва минтақавии Осиёи Марказӣ такмил дода шуд<br>• Иқтидори тақвиятёфтаи миллӣ<br>• Мониторинги малах такмил дода шуд<br>• Дастгирии амалиёти мубориза бо малах<br>• Хавф ба саломатии инсон ва муҳити зист паст гардид |

## БЕҲТАРСОЗИИ ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ





| Номи лоиҳа | Лоиҳаи такмил додани системаи идоракунӣ ва нигоҳубини таҷҳизоти тиббӣ дар Тоҷикистон |
|---|---|
| Намуд | Кумаки техникӣ<br>(Равон намудани Эксперти Ҷопонӣ) |
| Давра | 01/2019 – 12/2021 |
| Муассиса-ҳои масъул | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Маблағ | 26.3 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 0.24 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Такмил додани системаи идоракунӣ ва нигоҳубини таҷҳизоти тиббӣ (СИНТТ) дар Тоҷикистон |
| Фаъолият | • Ҷамъоварии маълумот дар бораи вазъи кунунии (СИНТТ) дар Тоҷикистон (сиёсат, амалия ва ғ.)<br>• Таҳлили маълумоти ҷамъоварда ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба вариантҳои эҳтимолии чаҳорчӯбаи умумимиллии (СИНТТ)<br>• Муайян кардани эҳтиёҷот дар самти баланд бардоштани иқтидори Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ оид ба идоракунии системаи (СИНТТ) дар сатҳи марказӣ ва ҳамоҳангсозии ҷонибҳои манфиатдор<br>• Гузаронидани тренингҳо ва дар ҳолати зарурӣ сафарҳои омӯзишӣ, ки ба маъмурияти системаи (СИНТТ) дар Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ алоқаманданд<br>• Тавассути ҳамоҳангӣ бо ҷонибҳои манфиатдор барои такмили минбаъда ва самтҳои таҳкими (СИНТТ) дар кишвар тавсияҳо ва пешниҳодҳо пешниҳод кунед |
| Баҳрабаран-дагон | Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Натиҷа | • Чаҳорчӯбаи умумимиллии системаи (СИНТТ) таҳия гардид<br>• Иқтидори Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ барои таҳияи сиёсат ва идоракунии (СИНТТ) такмил дода шуд |

| Номи лоиҳа | Лоиҳа оид ба беҳтар намудании системаи хизматрасонии тиббӣ барои модарон ва кӯдакон дар вилояти Хатлон, (Марҳилаи 2) |
|---|---|
| Намуд | Кумаки техникӣ |
| Давра | 08/2017 – 12/2022 |
| Санаи П/М | 18/11/2016 |
| Муассиса-ҳои масъул | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Муминобод, Норак, Леваканд ва Кушониёни |
| Маблағ | 540 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 4.96 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Беҳтар намудани системаи хизматрасонии тиббӣ барои занон, кӯдакони навзод ва тифлон дар ноҳияҳои ҳадафноки вилояти Хатлон |
| Фаъолият | • Барқарорсозии иншоот ва таъмини таҷҳизот (аз ҷумла нигоҳдории таҷҳизот)<br>• Гузаронидани тренингҳо оид ба ёрии фаврии акушерӣ ва неонатологӣ ва баррасии ҳолатҳо<br>• Гузаронидани вохӯриҳо байни беморхона-ҳои ноҳиявии марказӣ ва марказҳои саломатии деҳот оид ба низоми роҳхат (равон кардан аз як муассиса ба муассисаи дигар)<br>• Гузаронидани дастгирии назоратӣ (кураторӣ), таҳияи нақшаи таълимӣ ва омӯзиши роҳбарон/менеҷерон дар Ҷопон |
| Баҳрабаран-дагон | Баҳрабарандагони асосӣ: кормандони Раёсати тандурустии вилояти Хатлон ва кормандони тиб дар соҳаи саломатии модар ва кӯдак дар Беморхонаҳои марказии ноҳиявӣ, беморхонаҳои рақамӣ ва муассисаҳои кумаки авалияи тиббию санитарӣ |
| Натиҷа | • Фаъолияти шӯъбаи модар ва шӯъбаҳои педиатрии беморхонаи марказии ноҳиявӣ ва беморхонаи рақамӣ беҳтар карда шудаанд<br>• Маълумотнокӣ ва малакаҳои мутахассисони соҳаи тандурустӣ оид ба саломатии модарон, навзодон ва тифлон баланд бардошта шуд<br>• Низоми равон кардан аз як муассиса ба муассисаи дигар оид ба саломатии модарон, навзодон ва тифлон байни муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи тандурустӣ тақвият дода мешавад<br>• Иқтидори идоракунӣ оид ба саломатии модарон, навзодон ва тифлон дар Раёсати тандурустии вилояти Хатлон тақвият меёбад |

## ИДОРАКУНИИ САРҲАД ВА АМНИЯТ



| Номи лоиҳа | Лоиҳаи мусоидат ба ҳамкории байнисарҳадӣ тавассути идоракунии самараноки сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон (марҳилаи 2) |
|---|---|
| Намуд | Кумаки грантӣ тариқи Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид (БРСММ) |
| Давра | 11/2018 – 12/2022 |
| Санаи Т/Ё, С/Г | 28/09/2018<br>22/11/2018 |
| Муассиса-ҳои масъул | • БРСММ дар Тоҷикистон<br>• Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | 8 нуқтаи гузаргоҳи назоратӣ (НГН) («Панҷи Поён», «Кокул», «Шоҳон», «Рузваи», «Хумроғӣ», «Тем», «Ишкашим» и «Лангар») ва Маркази кинологии шаҳри Душанбе |
| Маблағ | 506 миллион йени Ҷопонӣ<br>(тақрибан 4.5 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ ва бехатарӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон тавассути баланд бардоштани иқтидори хизматчиёни давлатӣ ва дараҷаи иқтисодии ҷамоатҳои Тоҷикистону Афғонистон |
| Фаъолият | • Сохтмон ва корҳои барқароркунӣ дар нуқтаи гузаргоҳи назоратии зери ҳадаф, дар Маркази кинологии Агентии назорати маводи нашъаовар шаҳри Душанбе ва ғайра<br>• Харидорӣ ва таъмин намудани таҷҳизотҳои махсус<br>• Гузаронидани таълими махсус барои идоракунии комплекси сарҳад ва истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизотҳои махсус |
| Баҳрабаран-дагон | Кормандони хадамоти сарҳадӣ ва корбарони бозори мақсадноки фаромарзӣ ҳамчун баҳрабардорони мустақим ва инчунин аҳолии ҷамоатҳои мақсаднок ба сифати баҳрабардорандагони ғайримустақим |
| Натиҷа | • Иқтидори кормандони қушунҳои сарҳадӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонии аҳолӣ ва интиқоли расмии бор, баланд шуд<br>• Сатҳи некӯаҳволии мардуме, ки дар назди сарҳад ба сар мебаранд, хусусан занон, тавассути фароҳам овардани имконият барои тиҷорат, беҳтар шуд |

## РУШДИ ИҚТИДОР



| Номи лоиҳа | Лоиҳаи ҷудо намудани бурсияҳои таҳсилӣ барои рушди захираҳои инсонӣ (JDS) |
|---|---|
| Намуд | Кумаки грантӣ |
| Давра | 11/2021 – 08/2024 |
| Санаи Т/Ё, С/Г | 02/09/2021<br>05/11/2021 |
| Муассиса-ҳои масъул | Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Минтақаи зери ҳадаф | Муассисаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Маблағ | 259 миллион йени Ҷопони<br>(тақрибан 2.5 миллион доллари ИМА) |
| Ҳадаф | Ҳалли мушкилоти рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳкими иқтидори хизматчиёни давлатӣ |
| Фаъолият | • Мақсади лоиҳа ин баланд бардоштани иқтидори хизматчиёни ҷавони давлатӣ тавассути фаъолияти зерин мебошад:<br>• Дастрас намудани 15 адад бурсияҳо барои хизматчиёни давлатӣ барои гирифтани дараҷаи магистр дар донишгоҳҳои Ҷопон<br>• Дастрас намудани 1 адад бурсия барои гирифтани дараҷаи доктор (PhD) дар муассисаҳои олии таълимии Ҷопон |
| Баҳрабаран-дагон | Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Натиҷа | Дар назар аст, ки хизматчиёни ҷавон ва дигар мутахассисони соҳа баъди аз дарёфт намудани дараҷаи магистр ва доктор дар муассисаҳои олии таълимии Ҷопон, дар Тоҷикистон дар вазифаҳои роҳбарӣ кунанда фаъолият карда, саҳми арзандаи хешро баҳри рушди кишвари худ мегузоранд |








From
the People of Japan

**Намояндагии JICA дар Тоҷикистон**
Тоҷикистон, 734013, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 14, меҳмонхонаи Серена,
ошёнаҳои 4-ум ва 5-ум
Тел.: +992 44 610 00 33/44
Суроғаи эл.: tj_oso_rep@jica.go.jp
Сомона: www.jica.go.jp/tajikistan/english
Facebook: www.facebook.com/JICATajikistanOffice




Октябр 2021